# МУБОРИЗАИ ДАСТЧАМЪОНА БО ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРОМИЗМ - ВАЗИФАИ ХАР ЯК УЗВИ ЧОМЕА

Хамчун вабои аср экстремизм ва терроризм ба амнияти чахон ва хар як сокини сайёра тахдид намуда, барои башарият хатари бенихояд калон ба миён овардааст. Дар мавриди афзоиши хатари терроризм ва экстремизм Асосгузори сулху вахдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон чунин таъкид намуданд: “
**Авзои сиёсии сайёра холо бисёр ноорому бесубот ва боиси ташвишу нигаронии чиддии чомеаи чахон гардидааст. Кушишхои азнавтаксимкунии чахон, мусаллахшавии бошитоб, кудратталабӣ, бархурди манфиатхои иктисодиву тичоратӣ ва чиноятхои киберӣ торафт шиддат гирифта, чахонро ба мархалаи нави чанги сард кашонидаанд ва имрӯз баъзе сиёсатмадорону коршиносон хатто доир ба хатари чанги сеюми чахон харф мезананд”.**

Тахия ва кабули Стратегияи муковимат ба экстремизм ва терроризм барои солхои 2021-2025, ки бо фармони Президенти Чумхурии Точикистон аз 1-июни соли 2021 №187 ба тасвиб расид, муборизаи дастачаъмонаи чомеаи шахрвандиро бар зидди ин падидаи хатарзо такозо менамояд.

Боиси афсӯс аст, ки зумрае аз чавонони мо тахсил намекунанду ба мухочирати мехнатӣ мераванд ва баъзеи онхо хамеша дар шабакахои ичтимоӣ ворид гардида, хар гуна видеохо ва тасвирхои гурӯххои ифротгароиро тамошо мекунанду пайравӣ ба онхо менамоянд. Агар сатхи дониши сиёсии чавонон баланд ва мехру мухаббаташон нисбат ба модар – ватани худ зиёдтар бошад, хечгох аъзои ин гурӯххо намегардад ва бар зидди миллати худ дар даст аслиха намегирад.

Бояд мо ба кадру манзалати ин сарзамин расем.

Сарвари давлатамон барои аз илму дониши замони хеш бархурдор гардидани чавонон тамоми шароити муосидро фарохам овардаанд ва бояд хар як чавони кишвар аз ин фурсати муосид истифода бурда хонанд ва барои оядаи дурахшони ватани махбуби худ сахми хешро гузоранд.

**Аличон Саидзода – мудири шуъбаи рушди ичтимоӣ ва робита бо чомеаи дастгохи раиси нохияи Зафаробод**